# ПРОТОКОЛИ № 4

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

**5 декабри соли 2025** **ш. Душанбе**

5 декабри соли 2025 соати $14^{00}$ дар толори Шурои олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ш. Душанбе, куч. Гипрозем-17) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 баргузор гардид.

Дар ҷаласа аз 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024 №146/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори Шуро кӣ чӣ гуна пешниҳод дорад? Пешниҳод гардид, ки ба кори Шуро оғоз бахшида шавад. Кӣ ҷонибдори он, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Тарафдор - 9 нафар, муқобил, бетараф? Нест. Якдилона кабул гардид.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ба ташхиси пешакӣ қабул намудани диссертатсияи Изатулоев Сафарали дар мавзуи “Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, пешниход шудааст.

**Раисикунанда:** д.и.к., раиси Шурои диссертатсионӣ Раҳимов Шарофҷон Тоирович, оид ба ҳуҷҷатҳои лозимаи тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, пешниҳод намудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Изатулоев Сафарали ва таъин намудани комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ барои дида баромадани диссертатсияи номбурда, маълумоти мухтасар дод.

Барои дида баромадани диссертатсияи Изатулоев Сафарали дар мавзӯи “Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, ҳайати комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ номзадии Раҷабов Фарҳод Меликбоевич., - доктори илмҳои кишоварзӣ раис; Ҷурабегзода Абдуҷаббор Ҷурабег. – номзади

илмҳои кишоварзӣ, аъзо; Отаева Муясара номзади илмҳои кишоварзӣ, аъзо пешбарӣ карда шуданд.

Шурои диссертатсионӣ номзадҳои пешбарӣ намудаи аъзоёни Шуроро ба инобат гирифта

## ҚАРОР МЕКУНАД:

Диссертатсияи Изатулоев Сафарали дар мавзуи "Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, пешниҳод карда шудааст:

1. Ба ташхиси пешакӣ қабул карда шавад.
2. Комисияи ташхисӣ дар ҳайати зерин мауйян карда шавад:

Раҷабов Ф. М. – доктори илмҳои кишоварзӣ, раис;

Ҷурабегзода Ҷ.А. – номзади илмҳои кишоварзӣ, аъзо;

Отаева М. – номзади илмҳои кишоварзӣ, аъзо.

3. Ба комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ супориш дода мешавад, ки тибқи муқаррароти банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) хулоса пешниҳод намоянд.
4. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 9, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ — Ш.Т. Раҳимов

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ — Ф.Ҷ. Шералиев